**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ (Душанбе, 2024, 26 с.-тоҷикӣ +57 с.-русӣ)**

Таҳқиқу пажуҳиши вижагиҳои сохториву грамматикии истилоҳоти ин ё он осор, алалхусус, осори бадеии пешин барои илми забоншиносии муосир аҳамияти бузурги илмӣ, назарӣ ва амалӣ дорад, чаро ки асари бадеӣ яке аз манбаъҳоест, ки дар он манзараи забони адабӣ дар ҳар марҳилаи инкишофи он инъикос мeёбад ва барои рушди забони адабӣ ва шохаҳои он мусоидат менамояд. Дар адабиётшиносӣ ва забоншиносии тоҷик осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар пайдоиш ва инкишофи вожаю истилоҳоти ахлоқии забони тоҷикӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Аз ин рӯ, осори ин мутафаккирро мавриди таҳқиқи лингвистӣ қарор додан ва нақши онро дар пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ муайян кардан аз вазифаҳои таҳқиқношудаи забоншиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, истилоҳоти ахлоқии рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Синоро низ метавон аз назари забоншиносӣ баррасӣ намуд, зеро рисолаи мазкур фарогири истилоҳоти фаровони ахлоқӣ мебошад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, интихоби мавзуи диссертатсияи М. Қ. Маҳмудзода актуалӣ ва муҳим ба шумор рафта, омӯзиши ин масъала имкон фароҳам меоварад, ки хусусиятҳои забонии истилоҳоти ахлоқӣ дар забони адабии тоҷикӣ, гурӯҳҳои семантикӣ ва сохтори грамматикии онҳо, ҳамчунин, меъёрҳои муайян ва қонуну қоидаҳои ташаккули вожаву истилоҳоти ахлоқиро ба даст овард.

Аз нигоҳи сохторӣ автореферати М. Қ. Маҳмудзода иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, 11 фасл, 2 зерфасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима мебошад. Мавриди зикр аст, ки бобҳои сегонаи автореферат ва фаслҳои он аз нигоҳи пайдарпайӣ ва мантиқӣ бисёр хуб ҷобаҷогузорӣ шудаанд. Аз ҳама ҷолиб дар автореферат (бо забони тоҷикӣ) суфтагӣ ва илмияти забони он ба шумор меравад, ки аз ҳар гуна шарҳу тавзеҳовариҳои ноҷо холӣ мебошад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи М. Қ. Маҳмудзода чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ барои пешниҳод намудани як кори мукаммали ба талаботи илм ҷавобгӯ муваффақ гаштааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллиф аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Дар баробари муваффақияти бадастомада дар автореферат баъзе камбудиҳо мушоҳида карда шуд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад:

1. Гоҳо такрори андешаҳо ва мисолҳои зикршуда ба чашм мерасанд, ки таҷдиди назар кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд;
2. Дар фишурда баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 8, 11, 13, 28) ба чашм мехӯранд, ки ислоҳи онҳо барои комил гаштани арзиши илмии фишурда муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳарчанд мавҷудияти ин камбудиҳо дар ҳар пажуҳиши нахустини илмӣ ба мушоҳида мерасад, вале арзиши илмии онро ҳаргиз коҳиш намедиҳад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки фишурдаи кори диссертатсионии диссертант фарогири мазмун ва муҳтавои асосии кори илмӣ мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи «Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» кори илмии бaанҷомрасида буда, ба

талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.


**Муқарриз:**
Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва рӯзноманигории ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Сафарова Г. Ф.

**Нишонӣ**: 734003, ш. Душанбе, н. Сино,
кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, хонаи 10, ҳуҷраи 2.
Тел: (+992) 985162119


Имзои Г. Сафароваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.
“05” апрели 2024

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС


**Нишонӣ**: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Тел: (+99237) 2-32-50-00, Сомона: www.dbzkht.tj, E-mail: ilm@dbzkht.tj
Тел: +992985162119